**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)**

Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ доираи таҳқиқоту баррасии масоили гуногуни адабиётшиносии тоҷик вусъати тоза касб намуда, бисёр масъалаҳои ҷиддии дар даврони Шуравӣ аз таваҷҷуҳ бенасиб мавриди накду баррасии адабиётшиносӣ қарор гирифта истодаанд. Яке аз ин гуна масоили муҳимми адабиётшиносӣ таҳқиқи рӯзгор ва фаъолияти эҷодии намояндагони ҳавзаҳои гуногуни адабии кишвар, бахусус доираи адабии Хатлонзамин аст, ки то андозае аз доираи накди адабӣ дур монда буд ва танҳо дар солҳои охир баъзе корҳо дар ин самт анҷом пазируфтанд.

Аз ҷумлаи чеҳраҳои шинохтаи ин доираи адабӣ Ғаффоралӣ Сафар мебошад, ки дар қолаби жанрҳои гуногуни адабӣ осори арзишманд боқӣ гузоштааст. Мутаассифона, рӯзгор ва самтҳои фаъолияти эҷодии ин адиби соҳибистеъдод хеле кам мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд. Бо он ки баъзе аз муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла Аҳмадов С., Раҳмонов М., Шарипов С., Назаров М. ва Шодиева Ф. ба баъзе самтҳои фаъолияти гуногунҷабҳаи Ғаффоралӣ Сафар таваҷҷуҳ намудаанд, танҳо дар диссертатсияи Лайламои Худойназар масъалаи мазкур ба таври густардаву фарогир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ба ҳамин хотир, зикри ин нукта, ки кори диссертант ба масъалаи муҳимми адабиётшиносӣ бахшида шудааст, ҷоиз аст.

Тавре аз автореферат бармеояд, диссертатсияи Лайламои Худойназар аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Боби аввали диссертатсия **«Ҳаёт ва эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар»** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар фасли аввали боби зикршуда **«Шарҳи ҳол ва мероси адабии Ғаффоралӣ Сафар»** таҳқиқу баррасӣ шудааст. Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи масоили мазкур муҳаққиқ осори адабии Ғаффоралӣ Сафарро ба се гурӯҳ: ашъори гуногунжанре, ки барои калонсолон эҷод гардидаанд, шеърҳои бачагона ва осори манзуму мансури ҳаҷвӣ ҷудо намуда, дар бобҳои минбаъда ҳар яке аз ин гурӯҳҳоро мавриди накду баррасӣ қарор додааст.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия **«Хусусиятҳои жанрии ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар»** унвон дошта, аз чор зерфасл иборат мебошад. Дар зерфасли аввал вижагиҳои рубоӣ ва дубайтиҳо, дар зерфасли дуюм ғазалиёт, дар зерфасли сеюм фардбайт ва дар зерфасли чаҳорум чаҳорпора ва шеъри нимоӣ дар осори Ғаффоралӣ Сафар таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Дар фасли сеюми ин боб диссертант ба таҳқиқи мундариҷаи ғоявии ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар пардохта, фасли чаҳорумро ба таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеии ашъори ғиноии шоир бахшидааст.

**«Назми бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар»** унвони боби дуюми диссертатсия буда, аз се фасл: **«Вижагиҳои сабкӣ ва услубии ашъори бачагонаи шоир»**, **«Ҷанбаи тарбиявӣ ва маърифатбахшии ашъори бачагонаи шоир»** ва **«Вижагиҳои шаклӣ ва мазмунии чистону тезгӯякҳои Ғаффоралӣ Сафар»** иборат аст. Муҳаққиқ дар ин фаслҳо осори бачагонаи шоирро аз ҷиҳати сабк ва тарзи баён, мазмуну мундариҷа, моҳият ва арзиши маърифатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Мавқеи ҳаҷву мутоиба дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар»** унвон дошта, дар ду фасли он мутаносибан осори манзуму мансури ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар мавриди таҳқиқи адабиётшиносӣ қарор гирифтаанд.

Хулосаи диссертатсия, ки аз 20 банд таркиб ёфтааст, натиҷагириҳои муаллифро аз мавзуи мавриди таҳқиқ дар бар мегирад.

Дар маҷмуъ, диссертант аз уҳдаи иҷрои ҳадафҳои дарпешгузоштаи худ ба хубӣ баромада, мавзуи мушаххаси илмиро мувофиқи талаботи мавҷуда ҳал карда тавонистааст.

Диссертатсия бо услуби роиҷи илмӣ таълиф ёфта, истифодаи сарчашмаҳои илмию адабӣ низ мувофиқи талабот сурат гирифтааст.

Дар канори ин муваффақиятҳо дар диссертатсияи Лайламои Х. баъзе камбуду нуқсонҳое мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор мебошад:

1. Ба андешаи мо, қисмати «Асосҳои назариявии таҳқиқ» ҳоло ҳам ба тамкил ниёзманд аст.

2. Муаллифи диссертатсия зимни муаррифии бобу фаслҳои диссертатсия таносубро то андозае риоя накарда, муҳтавои баъзе қисматҳоро муфассал ва баъзе фаслҳоро мухтасар шарҳу эзоҳ додааст.

Камбуду эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, моҳияту арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи **«Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат намуда, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

Муқарриз:

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳо, Сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов — Миралиева Сарварбӣ Толибовна

«15» январи соли 2025.

Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҷ. Расулов 55/ 5 , ҳуҷраи 30.
Тел.: (+992) 001013468
E-mail: sano00475@gmail.com

Имзои Миралиева Сарварбӣ Толибовнаро
тасдиқ мекунам: сардори шуъбаи кадрҳо,коргузорӣ
ва ҳуқуқи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Исоев Сангинмуродод
Бобомуродович

Суроға: 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Лучоб, 53.
Телефон: (+992-37) 224-73-77; тел.: +992 903130600,
+992001222612 *E-mail:* korguzor.dtj@mail.

«15» январи соли 2026.